# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба рисолаи диссертатсияи Маҳмудзода Мунираи Қаноатшоҳ тахти унвони «Вожаю истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва муқоисаи онҳо бо истилоҳоти «Андар ахлоқ»-и Ибни Сино» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2024. – 209 саҳ.**

Дар забоншиносии тоҷик ва хориҷӣ мавзуи истилоҳот яке аз мавзуъҳои актуалӣ маҳсуб шуда, таваҷҷуҳи забоншиносонро рӯз аз рӯз бештар ҷалб мекунад. Ҳамин аст, ки оид ба паҳлуҳои гуногуни истилоҳшиносии умумӣ ва ҷузъӣ факру андешаҳои тоза ба чашм мерасанд. Дар забоншиносии тоҷик асосан оид ба мушкилоти истилоҳшиносии ҷузъӣ пажӯҳишҳои арзишнок анҷом дода шуда, истилоҳоти илмии ин ё он муаллиф ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Мавзуи истилоҳот дар осори илмии донишмандони хориҷӣ ва ватанӣ, ба монанди А.Д. Хаютин, Л.С. Пейсиков, В.В. Виноградов, А.А. Реформатский, Г.О. Винокур, М. Н. Қосимова, С. Сулаймонов, Д. Саймуддинов, Ҳ. Маҷидов, Д. Хоҷаев, С. Назарзода, А. Байзоев, П.Г. Нуров, Ш. Исматуллозода, А.И. Юсуфов Т.К. Ҷӯраев ва дигарон мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода шудааст.

Ҳамчун объекти асосии тадқикот қарор гирифтани истилоҳот ва вожаҳои маводи осори илимиву ахлоқии классикӣ то имрӯз низ аз ҷониби муҳаққиқон идома дорад. Сабаби аслии он ба андешаи мо ин аст, ки системаи истилоҳоти илмии забони тоҷикӣ то имрӯз ба танзим надаромадааст, интихоб ва истифодаи ягонаи истилоҳот ба қадри кофӣ риоя намешавад, аз ҳамин ҷост, ки ҳамгунсозии истилоҳот дар ин маврид нуктаи калидӣ маҳсуб мешавад ва барои анҷом додани ин амал захираи фаровони вожаҳо ва истилоҳот зарур аст, ки яке аз сарчашмаҳои ғанӣ гардидани он осори классикӣ мебошад. Маҳз ҳамин нуктаи назар Маҳмудзода Мунираи Қаноатшоҳро водор сохтааст, ки дар атрофи осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ, хусусан асарҳои «Футувватномаи султонӣ» ва «Ахлоқи маҳсинӣ» дар

муқоиса бо «Андар ахлоқ»-и Ибни Сино тадқиқот анҷом дода, андешааҳояшро тавассути мақолаҳои гуногун матраҳ созад.

Диссертатсияи Маҳмудзода Мунираи Қаноатшоҳ ба шиносномаи ихтисоси илмӣ – 10.02. 01 – Забони тоҷикӣ **комилан мувофиқат мекунад**.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Мавзуе, ки аз ҷониби диссертант Маҳмудзода Мунираи Қаноатшоҳ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, ба яке аз самтҳои муҳимми забоншиносӣ – мавқеи истилоҳот ва вожаҳои истилоҳгуна дар осори классикӣ бахшида шуда, диссертант мубрам будани мавзуро дар он мебинад, ки таҳқиқу таҳлили вожаву истилоҳоти маводи осори донишмандони ниёгон барои ғанӣ гаштани захираи истилоҳоти илмии забони тоҷикӣ ба таври некӯ мусоидат менамояд.

Бад-ин тартиб, пас аз омӯзишу ҷустуҷӯҳо ва заҳматҳои зиёд, унвонҷӯй М. Маҳмудзода рисолаеро таҳти унвони «Вожаю истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва муқоисаи онҳо бо истилоҳоти «Андар ахлоқ»-и Ибни Сино» анҷом дода, барои дифоъ пешниҳод намудааст, ки **мубрам арзёбӣ** мегардад.

**Дараҷаи нававарии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии рисолаи мазкур дар он аст, ки дар забоншиносии тоҷик бори нахуст доир ба масъалаи махсусиятҳои истилоҳоти ахлоқӣ дар осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ, заминаҳои ташакули ин навъи истилоҳоти забони тоҷикӣ ва шеваву қолабҳои истилоҳсозиву истилоҳгузинӣ дар мисоли осори ахлоқии ин донишманд таҳқиқ анҷом дода шудааст.

Диссертант М. Маҳмудзода кӯшиш кардааст, ки усулу шеваҳои асосии сохтори вожаву истилоҳоти ахлоқӣ, мавқеи вожаҳои аслии тоҷикӣ ва арабӣ, муқоиса намудани маводи осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва асари Ибни Сино «Андар ахлоқ»-ро ба риштаи таҳқиқ кашида, исбот намудааст, ки ин осор дар ғанӣ гаштани таркиби луғавии забони тоҷикӣ, махсусан истилоҳот ва истилоҳсозӣ мусоидат хоҳад кард. Бархе аз вожагоне, ки дар ин китоб корбаст шудаанд, бисёр нодир буда, дар замимаи диссертатсия

пешниҳод шудаанд ва метавонад ба василаи рисолаи диссертант эҳёи дубора ёбанд ва дар такмил ёфтани фонди луғавии забони адабии тоҷик ёрӣ расонанд. Аз ин нуқтаи назар низ навоварии рисолаи мазкур арзишманд аст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии забоншиносони ватанию хориҷӣ истифода шудааст. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеоянд. **Хулоса ва тавсияҳо** дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Диссертант бо таҳлилу баррасӣ ва натиҷагириҳояш донишҳои назариро дар тадқиқи вожаю истилоҳоти ахлоқӣ, ки аксарияти онҳо таърихи қадимӣ доранд, такмил додааст, ки метавонанд дар пажуҳишҳои минбаъда мавриди истифода қарор гиранд. Муҳтавои кори диссертатсионӣ, бахусус дар таҳқиқи вожаҳо ва истилоҳоти ифодакунандаи мафҳумҳои ахлоқӣ заминаҳои илмӣ фароҳам меорад. Метавон гуфт, ки рисолаи мазкур дар таҳлилу баррасии вожаю истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва муқоисаи онҳо бо истилоҳоти рисолаи Ибни Сино бисёр муҳим мебошад. Масъалаи интихоби мавзуъ, таҳқиқи мутуни таърихӣ, хусусан ахлоқӣ ва дигар масоили таҳқиқшуда низ **дорои аҳаммияти назарию амалӣ** мебошад.

Сохтори рисолаи мавриди тақриз аз муқаддима, се боб, хулоса, феҳристи адабиёт ва замима фароҳам омадааст. Дар рисола инчунин 6 ҷадвал ва 6 диаграмма оварда шудааст, ки мутаассифона, муаллиф инҳоро ҳам дар рисола ва ҳам дар автореферат зикр накардааст.

Масоили меҳварии муқаддимаи рисоларо мубрамӣ ва зарурати таҳқиқ, дараҷаи азхудшудаи мавзуъ, ҳадафи таҳқиқ, объекти таҳқиқ, аҳаммияти назарии таҳқиқ, нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия ва ғ. ташкил кардаанд. Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ шуда, **нуктаҳои асосие**

**ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд**, ки воқеан, дар илми забоншиносии тоҷик ва дар самти таҳқиқи вожаю истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ аҳаммияти вижаи илмӣ доранд.

Боби якуми диссертатсия – “Аз таърихи пайдоиш ва ташаккули вожаю истилоҳоти ахлоқӣ дар забоншиносии тоҷик” унвон гирифта, аз 5 фасл иборат аст. Дар фасли якум – “Моҳияти забоншиносии истилоҳ” диссертант авалан оид ба аҳаммияти вижаи лексикаи ахлоқ ҳам аз лиҳози забоншиносӣ ва ҳам аз диди иҷтимоӣ таваққуф намуда, дуруст зикр кардааст, ки айни замон – раванди ҷаҳонишавӣ, пажуҳиши илмии истилоҳот ва вожаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои ахлоқӣ хеле муҳим аст.

Баъдан, диссертант муфассал оид ба паҳлуҳои илмии меъёрҳои истилоҳ ва мафҳуми истилоҳ ибрози назар намуда, хушбахтона, бештар ба нуқтаи назари олимони ватанӣ ва Шарқ такя намудааст. Зеро дар воқеъ вақте оид ба вожаи “истилоҳ” сухан меронем, дар ёд дошта бошем, ки маҳз ҳамин вожа аз кай ба маънии имрӯзаи “истилоҳ ё термин” ба кор бурда шудааст. Дар диссертатсия оид ба вожаи истилоҳ ва таърифи он аз фарҳангҳо истифода шудааст. Нуқтаи назари забоншиносони араб – Мустафо Шиҳобӣ, Муҳаммад Ҳилмӣ Ҳалил, Муҳаммад Малдовӣ оид ба таърифи истилоҳ ва меъёрҳои он таҳлилу баҳогузорӣ карда шудааст. Тавре ки диссертант қайд мекунад, аллакай дар осори ниёгон ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир шудааст, чунончи ба андешаи донишманди маъруф ал-Форобӣ оиб ба фарқи истилоҳ аз вожаҳои маъмулии забон ибрози назар кардааст.

Барои мушаххас таъйин кардани мафҳуми истилоҳ забоншиносону истилоҳшиносон, ба монанди Д.С. Лотте, В.В. Виноградов, Г.О. Винокур, А.Д. Хаютин, В.М. Лейчик ва дигарон пажуҳишҳои арзандае анҷом дода бошанд ҳам, то имрӯз таърифи ягона ва эътирофшудаи мафҳуми “истилоҳ” мавҷуд нест. Дар ҳамин фасл таҳқиқотҳои олимони тоҷик оид ба паҳлуҳои гуногуни истилоҳ хеле муфассал ва бо далел таҳлил карда шудааст. Ҳамчунин, бояд ёдовар шуд, ки дар мавридҳои ҷудогона унвонҷӯ М. Маҳмудзода

аз хусуси ҳусну қубҳи баъзе мақолаву рисолаҳо ёдовар шуда, андешаи шахсиашро низ оид ба онҳо баён кардааст.

Мавзуи марказии фасли дуюми рисола ба вожаҳои ахлоқӣ дар забони авастоӣ рабт дошта, таъкид шудааст, ки бо шарофати забони авастоӣ, паҳлавӣ ва суғдӣ баъзе аз онҳо боқӣ мондаанд. Ба андешаи диссертант пояи илми ахлоқ ва меъёрҳои он-се рукни асосии он дар ҳамин асар мустаҳкам шудаанд, ки омадааст: "Андешаи неку гуфтори нек ва кирдори некро меситоям..." (Авесто, 2001. с. 102).

Дар фасли баъдӣ вожаю истилоҳоти ахлоқӣ дар осори форсии миёна мавриди баррасӣ қарор гирифта, роҳҳои пайдоиши истилоҳот дар забони форсии миёна шарҳ дода шудааст. Дар ҳамин ҷо таърихи пайдоиши якчанд вожа (рост, кеш, дӯст, зишт, ҳишт (хашм), спанд, дин ва ғ.) шарҳ дода шудааст.

Ҳамин тартиб, вожаю истилоҳоти ахлоқӣ минбаъд дар фасли 4-уми боби мазкур ба таври умумӣ дар даврони классикӣ то асри XY баррасӣ шуда, диссертант бо такя ба сарчашмаҳои муътамад ба андешаи С. Назарзода розӣ мешавад, ки фармудааст: "Муҳимтарин сарчашмаи омӯзиши луғатсозӣ ва истилоҳофаринӣ забони шеър мебошад" (саҳ. 28). дар робита аз ин, диссертант ба осори Абуабдулло Рӯдакӣ рӯ меорад, ки саросар аз вожаҳои ахлоқӣ таркиб ёфтаанд. Соҳибрисола осори шоирро таҳлили оморӣ намуда, муайян кардааст, ки дар 481 мисраъ шеъри устод, ки аз 2183 калима иборат аст, 101 калимаи ифодакунандаи мафҳуми ахлокӣ ба чашм мерасад, ки 4,62%-ро ташкил медиҳад. Ба ҳамин монанд, мавқеи иситилоҳоти ахлоқӣ дар осори Фирдавсиву Саноии Ғазнавӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ва Амир Хусрави Деҳлавӣ низ ба риштаи таҳқиқу таҳлил кашида шудааст.

Дар қисмати дигари ҳамин фасл мавқеи вожаю истилоҳоти ахлоқӣ дар осори насрии ҳамин давр муайян карда шудааст. Муаллифи рисола ба андешаи Назарзода С. мувофиқ аст, ки менависад: "... танҳо феҳристи номи онҳо чандин ҷилд китоб мешавад" (с. 36). Унвонҷӯй осори мансури асрҳои X-XII-ро номбар карда, дар байни онҳо мавқи махсус доштани

“Наврӯзнома”-и Умари Хайём, “Кашф-ал-маҳҷуб”-и шайх Абулҳасан Алӣ ибни Усмони Ғазнавӣ, “Тазкират-ул-авлиё”-и шайх Аттор, “Кимиёи саодат”-и Имом Ғаззолӣ ва ғайраро таъкид кардааст. Дар ҳамин фасл баъзе ҷиҳатҳои асарҳои Ҳусайн Воизи Кошифӣ бо “Қобуснома”-и Унсурмаолии Кайковус ва “Насиҳат-ал-мулук”-и Имом Ғаззолӣ ба таври муқоиса таҳлил карда шудааст. Ба таври хулоса муаллифи диссертатсия баён мекунад, ки ин осор давраи эҳё, таҳаввул ва ташаккули системаи вожаву истилоҳоти ахлоқии забони форсии тоҷикиро оғоз бахшидаанд ва доманаи таъсирашон то ба имрӯз густурда гардидааст.

Боби II-и диссертатсия – “Тасниф ва таҳлили забоншиносии вожаю истилоҳоти ахлоқӣ дар осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ” 3 фаслро дар бар гирифтааст. Фасли аввали ин боб бо номи “Усулу шеваҳои асосии сохтори вожаю истилоҳоти ахлоқӣ” масоили усулҳои вожасозӣ дар забони форсӣ-тоҷикиро мавриди омӯзиш ва пажӯҳиш қарор додааст. Муаллиф бо такя ба назарияи донишмандон Пейсиков Л.С., Рустамов Ш. ва Баротзода М.Ҳ. оид ба роҳҳои истилоҳсозӣ дар забони форсӣ-тоҷикӣ вожаву истилоҳоти асарҳои мавриди назарро ба риштаи таҳлилу таҳқиқ кашидааст. Дар аввал бо усули сарфӣ сохтани вожаҳо ва истилоҳот баррасӣ шуда, мавқеи пешвандҳои **бе-** (беадл, беақл, беғараз, бетадбир ва ғ.), **бо-** (бинсоф, бомурувват,боҷуръат ва ғ.), **дар-** (дарёбанда), **но-** (нописандида, норост, нооқилона, нохалаф ва ғ.), **ҳам-** (ҳамнишин, ҳамдам) дар сохтани истилолҳоту вожаҳо бо мисолҳои кофӣ шарҳ дода шудааст.

Воситаи дигари вожасозӣ дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар китобҳои “Ахлоқи муҳсинӣ” ва “Футувватномаи султонӣ” пасвандҳо мебошанд, ки дар диссертатсия аз рӯйи алифбо мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Дар маҷмуъ 19 пасванд, дар асарҳои мазкур вожаҳо сохтаанд, баррасӣ гаштаанд: пасвандҳои – а ( ситамкора, ситамёфта), -анда (лофзананда, ғайбаткунанда), -вар (ҳунарвар), -вор (умедвор), -иш (дониш, ситоиш), -ӣ (нармӣ, некӣ) ва ғайра.

Усули наҳвию сарфӣ дар забони тоҷикӣ ва аз ҷумла, дар осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ хеле сермаҳсул аст. Дар диссертатсия ин гурӯҳро ба вожаю истилоҳлти мураккаб ва таркибӣ ҷудо кардаанд.

Вожаву истилоҳоти мураккаби “Ахлоқи муҳсинӣ” ва “Футувватномаи султонӣ” ба таркибҳои копулятив (ҷузъҳои баробарҳуқуқ- саранҷом, гуфтугӯ); таркибҳои редупликатив ( аз такрор шудани ҳамо як ҷузъ (сар-сар, гирён-гирён), таркибҳои детерминатив (тобеъ будани як ҷузъ ба ҷузъи дигар) хеле сермаҳсул ба назар мерасад: -пайванди исму исм-соҳибқирон, соҳибдил; - исм бо асоси замони ҳозираи феъл –оқибатбин, пандпазир, тавбашикан, найрангбоз, Худотарс ва ғ.; - исм бо сифати феълӣ –ғайбаткунанда, озордиҳанда; -сифат бо исм-ростахд, пуркина, сахтрӯй.

Гурӯҳи дигари вожаву истилоҳоти осори мутафаккирро вожаву истилоҳоти таркибӣ ташкил медиҳанд, ки дар миёни онҳо мавқеи ибораҳои изофӣ назаррас аст. Ибораҳое, ки бо риояи қоидаҳои дастури забони арабӣ сохта шудаанд: илм-ул-яқин, баҳр-ул-ҳаё ва ғ. Ибораҳое, ки бо риояи қоидаҳои дастури забони тоҷикӣ сохта шудаанд: аз исму сифат (ғайбати мардум, шафоати гунаҳкор), аз исму сифат (азми дуруст, сифати ҳамида), аз зарф ва масдар (бисёр хандидан, кам хӯрдан), аз исму сифат ва масдар (рӯй турш кардан).

Ба таври хулоса метавон гуфт, ки пасвандҳои калимасоз дар сохтани вожаҳо нисбат ба пешвандҳои калимасоз бартарии зиёд доранд. Усули сарфиву наҳвии вожасозӣ дар китобҳои “Ахлоқи муҳсинӣ” ва “Футувватномаи султонӣ” ба таври густурда истифода шудаанд.

Дар фасли дуюми боби мазкур вожаю истилоҳоти асарҳои мавриди таҳқиқ аз лиҳози пайдоиш баррасӣ шуда, аввалан вожаву истилоҳоти форсӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, дар навбати худ онҳо аз ҷиҳати маъно гурӯҳбандӣ карда шудаанд, ки вожаву истилоҳоти ахлоқӣ-фалсафӣ, ахлоқӣ-равоншиносӣ, ахлоқиву динӣ, шахсиятҳоро дар бар мегирад. Зикр кардан ба маврид аст, ки дар ҳамин мавқеъ онҳо аз ҷиҳати сохтор низ таҳқиқ шудаанд. Дар фасли 3-юми ҳамин боб вожаву истилоҳоти ахлоқии арабӣ таҳлил

шудаанд. Муаллифи рисола аввалан иқтибосҳои тоҷикӣ дар забони арабиро зикр карда, баъдан роҳҳои иқтибосшавии вожаҳои арабиро ба забони тоҷикӣ баррасӣ намудааст. Аз 15 навъи феълие, ки дар забони арабӣ вуҷуд доранд, дар осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ 8 навъи феъли забони арабӣ серистемол будааст, ки диссертант онҳоро бо далелҳои зиёд тасдиқ намудааст.

Боби сеюми рисола таҳти унвони "Муқоисаи истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва рисаолаи "Андар ахлоқ"-и Ибни Сино аз 3 фасл ташкил ёфтааст. Ҳамин тартиб муаллифи рисола вижагиҳои "Андар ахлоқ"-и Ибни Сино ва баъдан вижагиҳои осори Ҳусайн Воизи Кошифиро ба таври алоҳида таҳлилу баррасӣ намуда, баъдан ба муқоисаи онҳо пардохтааст. Дар ҳамин ҷо ба назар мерасад, ки асари Ибни Сино хеле сатҳӣ таҳлил шуда, аз нусхаи аслӣ не, балки аз тарҷумаи он истифода шудааст, ки мисолҳои овардашудаи муаллиф (истилоҳоти нодонӣ, гумроҳӣ), ки вожаҳои тоҷикиянд, аз хусусиятҳои асари мазкур дониста шудаанд. Дар фасли дигари ҳамин боб муқоисаи корбурди истилоҳоти мафҳумҳои ахлоқии ин ду мутафаккир баррасӣ шуда, аслан диққати диссертантро дефинитсияи (таърифи) истилоҳот ҷалб кардааст, ки то кадом андоза дар таърифи ин ё он истилоҳи ахлоқӣ ин донишмандон ҳамфикранд ва ё чӣ тафовуте мавҷуд аст. Дуруст аст, ки асосан вожаҳои арабӣ, ки бевосита Ибни Сино дар асараш истифода намудааст, ба риштаи қиёс бо осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ кашида шудааст, вале дар ин ҷо низ калимаҳое хоси услуби Ибни Сино дониста шудаанд, ки (олиҳимматӣ) ба андешаи мо аз матни тарҷума мебошанд.

Яке аз ҷиҳатҳои хеле боарзиши рисола ин аст, ки муаллиф аз таҳлили оморӣ хуб истифода намуда, фикру андешаҳои худро тавассути ҷадвалу диаграммаҳо мустаҳкам намудааст. Дастоварди дигари рисола Замимаи он мебошад, ки бо истифода аз фарҳангҳо вожаву истилоҳоти зиёде шарҳу тафсир шудаанд.

Ниҳоят, **хулосаи диссертатсияи** *Маҳмудзода Мунираи Қаноатшоҳ* фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар

12 банд фароҳам омадаанд ва истиноди зарурӣ дар охири ҳар банд ба мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст.

Мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷӯй мазмуни асосии рисола ва автореферратро ифода менамоянд. Ба ин далел, ки муаллиф дар доираи рисолааш 7 мақола чоп кардааст, ки аз ин шумора 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар маҷаллаҳои дигари илмӣ мунташир шудааст. Шумораи **маводи интишоргардидаи** М. Маҳмудзода ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Ҳамин тариқ, муаллиф дар таҳқиқи «Вожаю истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва муқоисаи онҳо бо истилоҳоти «Андар ахлоқ»-и Ибни Сино» тадқиқоти судмандеро ба сомон расонида, аз уҳдаи забти масоили асосии дар пеш гузоштааш ба хубӣ баромадааст.

**Эродҳо ба диссертатсия.** Дар баробари дастовардҳои зиёд дар рисолаи диссертатсионӣ бархе норасоиҳо ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳо дар оянда бар манфиати кор хоҳад буд:

1. Баъзан дар диссертатсия хатоҳои имлоиву техникӣ дида мешавад (саҳ. 12, 15, 79, 91).
2. Дар рисола ва автореферат 6 ҷадвал ва 6 диаграмма оварда шуда бошад ҳам, вале дар сохтори рисола зикр нашудаанд.
3. Вожаву истилоҳоти “нодонӣ” ва “гумроҳӣ” (саҳ. 106), “олиҳимматӣ” (саҳ. 125) аз ҷониби диссертант ҳамчун истилоҳи ахлоқӣ хоси услуби “Андар ахлоқ”-и Ибни Сино дониста шудааст.
4. Аҳамияти муқоисаи китобҳои “Ахлоқи муҳсинӣ” ва “Футувватномаи султонӣ” бо тарҷумаи “Андар ахлоқ”-и Ибни Сино чандон равшан баён нашудааст.

5. Дар диссертатсия ва ҳам дар автореферат номи асари Ибни Сино дар шакли аслиаш оварда нашудааст, ки аз истифода нашудани он аснои таълифи рисола дарак медиҳад.

6. Дар автореферат ҷо-ҷо ғалатҳои услубӣ, имлоӣ ва китобӣ (ниг. с.2,4, 11 ва ғ.) ба назар расиданд.

**Қисмати хотимавии такриз.** Эродҳои зикршуда, чандон арзиши принсипалӣ надоранд ва дастовардҳои илмии муҳаққикро намекоҳонанд, зеро рисолаи диссертатсионии Маҳмудзода Мунираи Қаноатшоҳ тахти унвони «Вожаю истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва муқоисаи онҳо бо истилоҳоти «Андар ахлоқ»-и Ибни Сино» як таҳқиқоти анҷомёфтаи пурарзиш аст.

Натиҷагириҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои судманди муҳаққиқи ҷавон дар роҳи омӯзиши минбаъдаи бахшҳои калимаҳои сохта, омӯзишу пажуҳиши калимаҳои нодири осори классикон, тартиб додани фарҳангномаи вожаҳои нодири осори классикон ва рушду нумуи забони форсии тоҷикӣ мусоидат кардааст. Ба назари мо, рисолаи мавриди назар ва махсусан Замимаи он барои мутахассисон ва донишҷӯёни бахши филология дастури пурарзише хоҳад шуд.

Мавзуи диссертатсияи Маҳмудзода Мунираи Қаноатшоҳ ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ таъйин шудаанд, мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи Маҳмудзода Мунираи Қаноатшоҳ тахти унвони «Вожаю истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва муқоисаи онҳо бо истилоҳоти «Андар ахлоқ»-и Ибни Сино» кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Маҳмудзода Мунираи Қаноатшоҳ тахти унвони «Вожаю истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва муқоисаи онҳо бо истилоҳоти «Андар ахлоқ»-и Ибни Сино» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти рақами №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ

буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мебошад.

**МУҚАРРИЗИ РАСМӢ:**

номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи забони тоҷикии МДТ-и
«Донишгоҳи давлатии тиббии
Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» Юсупов Абдулло Исмоилович

**Суроға**: ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи
Муҳаммадиев, бинои 54, ҳуҷраи 14.
Тел: (+992) 985 63 64 65
E-mail: abdullo_yusupov@inbox.ru

Имзои Юсупов Абдулло Исмоиловичро тасдиқ мекунам,
Сардори раёсати рушди кадрии МДТ-и
«Донишгоҳи давлатии тиббии
Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» Сафаров Б.И.

**Суроға**: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, н. Сино, кӯч. Сино 29-31
«Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино»
Тел: (+992) 446-600-39-77; факс: 224-36-87
E-mail: info@tajmedun.tj

«02» апрели соли 2024